# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзӯи “Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол” 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ)**

Аз автореферати диссертатсияи номзадии Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзӯи “Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол” бармеояд, ин таҳқиқот як кори пурарзиш буда, мавзӯъ ва таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давраи навтарини яке аз минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ноҳияи Данғара бахшида шудааст.

Дар партави сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар минтақаҳои кишвар ноҳияи Данғара низ комилан симои худро дигар намуда, ба минтақаи калони саноатию кишоварзӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мубаддал гардид, ки марҳалаи рушди ноҳия ба давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд ва таърихи он ба таври ҷузъӣ ё васеъ инъикос ёфтааст.

Муаллиф таҳқиқ, таҳлил ва инъикоси мавод доир ба таърихи вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол баррасии масъалаҳои зеринро зарур донистааст.

- омӯзиши мавқеи ҷуғрофию маъмурии Данғара ва хусусиятҳои хоси он;
- ташкил ёфтани ноҳияи Данғара ҳамчун воҳиди маъмурӣ ва шароити иқтисодию иҷтимоии ноҳия дар замони шуравӣ;
- муайян ва асоснок намудани манобеъ ва иқтидори истеҳсолии ноҳия;
- тасвири ҳаёти фарҳангии ноҳияи Данғара ва дастовардҳои он дар замони шуравӣ;
- буҳрони иқтисодию иҷтимоии ибтидои давраи истиқлол ва таъсири он ба ноҳия;
- инъикоси тадбирҳо ва омилҳои асосии ба маркази саноатӣ табдил додани ноҳия дар замони истиқлол;
- инъикоси раванди ислоҳоти соҳаи маориф ва ташаккули низоми таҳсилоти касбӣ дар ноҳия;
- баррасии таҳаввулот дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлол.

Албатта, доираи баррасии мавзуии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо корҳои илмӣ доир ба иқтисодиёт, фарҳанг, илмҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ сахт алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, мавзӯи диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон аз нуктаи назарияи илми таърихи муосири кишварамон бисёр аҳмиятнок ҳисобида шуда, дар ҳаллу фасл намудани бисёр масъалаҳои марбут ба масалаҳои рушди ноҳияи Данғара дар соҳаи иктисоди-ичтимоӣ ва фарҳанг кумак мерасонад. Муаллиф ба таври мукамал корнамоии меҳнатии меҳнаткашони ноҳияи Данғараро ба таври муфассал баррасӣ намудааст.

Хулосаи мухтасари рисолаи диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид бо Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (номзади илм), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муалифи он Шодмонзода Орзу Шодмон сазовори дарёфти унвони номзади илмҳои таърих мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Суроға:** 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд,
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, кучаи Ҷӯрабой Солиев 104.
Тел: (+992) 927889819.
E-mail: furkat.hamidov@mail.ru 7. XI. 2025.

**Имзои профессори кафедраи таърих ва диншиносии**
**ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих Ҳомидзода Ф.М.- ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 735717, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulbp@rambler.ru